Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филология Саидмуроди Хоҷазод ба диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика**

Мавзӯе, ки Муродова Рухшона барои таҳқиқ интихоб намудааст, аз чанд ҷиҳат шоистаи баррасии амиқу ҳамаҷониба аст. Аввалан, ин мавзӯъ дар илми журналистикаи тоҷик тамоман нав мебошад, ки аз таваҷҷуҳи аҳли илм дур мондааст, баъдан имрӯз ҷомеаи демократӣ ва фазои иттилоотии кишвар вусъат пайдо кардани муносибатҳои сотсиологиро тақозо мекунад, ниҳоятан, омӯзиши ин мавзӯъ барои рӯшанӣ андохтан ба омилҳои пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, вижагиҳои омӯзишҳои сотсиологии матбуоти даврии тоҷик ва дараҷаи корбасти усулҳои сотсиологӣ дар журналистикаи муосир мусоидат мекунад. Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия зарурати интихоб ва сатҳи омӯхта шудани мавзӯъро ба таври муътамад матраҳ намуда, таъкид кардааст, ки: «хусусан дар ҷомеаи муосир, ки рӯҳияи демократиро талқин мекунад ва омилҳои иқтисодиву тиҷорӣ мавқеъ пайдо карда, зарурати ҳамкории расонаҳои ахбор бо ҷомеа дучанд мегардад, муайян кардани ин хусусияту муносибатҳо нигоҳи замонавӣ ва пажӯҳиши илмиро мехоҳад. Дар муайян кардани ин хусусиятҳо танҳо муносибати журналистӣ кофӣ нест, дар ин самт муносибати сотсиологӣ низ мебояд» (саҳ. 3). Дар ҳақиқат фаъолияти расонаҳои ахбори оммаи муосирро бидуни муносибатҳои сотсиологӣ наметавон тасаввур кард. Муносибати сотсиологӣ на танҳо ба рангорангии маводи ВАО мусоидат мекунад, балки гуногунандешӣ ва озодбаёниро низ таъмин менамояд.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия ҷанбаҳои гуногуни муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷикро холисона ва илман баррасӣ намуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро мушаххас муайян кардааст. Ҳамчунин дар муқаддима навгонии илмӣ, асосҳои методологиву методӣ ва аҳамияти назариявию амалии мавзӯъ равшану

возеҳ баён гардидаанд. Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, муҳимтарин нукоти диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Мазмуну муҳтавои дисертатсия дар се боб баррасӣ шудааст.

Боби аввал «Аз таърихи ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар журналистика» аз ду фасл иборат аст, ки яке ба масъалаҳои назариявӣ ва дигари ба ҷанбаҳои таърихии ташаккулу инкишофи омӯзишҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ бахшида шудааст. Ба назари инҷониб, дар чунин шакл тарҳрезӣ намудани фаслҳои боб бисёр хуб ва мантиқӣ баромадааст. Муаллиф ба қадри имкон ҷанбаҳои назарии сотсиологияи журналистика ва ташаккули чунин донишҳоро баррасӣ намуда, ҷараёни инкишофи омӯзишҳои сотсиологӣ дар матбуоти давриро ба таври возеҳ нишон додааст. Ин корро дар илми журналистикаи тоҷик то ҳол касе анҷом надода буд. Ҳол он ки донистани омилҳои пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, муайян намудани вижагиҳои назарии сотсиологияи журналистика, собиқаи омӯзишҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ, ҳадаф ва вазифаҳои муносибати сотсиологӣ дар ВАО барои дарку фаҳми масъалаҳои иҷтимоӣ ва касбии илми журналистика хеле муҳиманд.

Гарчанде дар ташаккули донишҳои сотсиологӣ дар журналистика омилҳои гуногун таъсиргузор бошанд, дар ин самт ду омили асосӣ – инкишофи сотсиологияи умумӣ ва пайдоиши иртиботи оммавӣ дар ҷомеа алоқамандии бештар доштааст. Сотсиологияи журналистика аз аносири назариявии сотсиологияи умумӣ ва журналистика маншаъ гирифта, дар муносибат ба объекти таҳқиқ, мақсад ва вазифа қонунмандиҳои худро ба шакл даровардааст. Ин қонунмандиҳо, аз як тараф, илми журналистикаро ғанӣ гардонанд, аз ҷониби дигар, барои пешрафти кори ВАО мусоидат мекунанд.

Дар фасли дуюми ин боб омӯзишҳои сотсиологии матбуоти даврӣ вобаста ба омилҳои пайдоиши матбуот ва инкишофи он баррасӣ карда шудаст. Муаллиф доманаи баҳси ин масъаларо васеъ гирифта, ҷараёни ташаккули онро аз матбуоти нимаи дуюми асри XIX-и Аврупо ва

матбуоти рус дар охири ҳамин аср шурӯъ намуда, баъдан бо таҳлили матбуоти замони шӯравӣ ва даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон идома медиҳад. Дар ин ҷараён, ӯ на танҳо омилҳои шакл гирифтани омӯзишҳои сотсиологии матбуоти давриро муайян мекунад, балки марҳилаҳои инкишофи онро бо зикри вижагиҳои таҳқиқот ва мақсаду вазифаҳои онҳо низ нишон медиҳад. Диссертант бо таҳқиқу таҳлилҳо собит месозад, ки омӯзишҳои сотсиологӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврӣ яксон набудааст. Дар замони шӯравӣ асосан дар солҳои 1920, 1960 ва давраи бозсозӣ ба ин гуна муносибат таваҷҷуҳ будааст, аммо Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон боиси эҳёи муносибатҳои сотсиологӣ дар ВАО, хосса матбуоти даврӣ гардид.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Махсусияти омӯзиши сотсиологии матбуоти даврии тоҷик» номгузорӣ шудааст, марҳилаҳои гуногуни омӯзишҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврии тоҷик тасниф ва хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо нишон дода шудааст. Хусусиятҳои хос ҳам ба сохти ҷомеа, ҳам ба рӯҳияи замон ва ҳам ба тарзи истифодаи усулҳои омӯзиши ВАО, хосса аудиторияи он иртибот доштааст.

Ин боб низ аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали он номаҳои хонандагон ҳамчун маъмултарин усули робита бо идораи нашрияҳои даврӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар таҳқиқи ин масъала диди таърихӣ намуда, таносуби қабул ва коркарди номаҳои хонандагонро дар нашрияҳои гуногун, аз ҷумла «Тоҷикистони Советӣ» ва «Комсомоли Тоҷикистон» нишон додааст. Дар матбуоти даврии замони шӯравӣ «Комсомоли Тоҷикистон» дар истифодаи самараноки мактубҳои хонандагон бартарӣ доштааст. Ин нашрия зери рубрикаҳои «Мулоқоти ғоибона», «Ба мо менависанд», «Мактуб ба редаксия», «Аз почтаи КТ», «Саҳифаи мактубҳо, «Сатрҳо аз мактубҳо», «Мактубҳо», «Пурсед ҷавоб медиҳем», «Аз пайи мактубҳои чопнашуда» мактубҳои хонандагонро инъикос намуда, ҳар моҳ натиҷаашро пешкаши хонандагон кардааст.

Муаллифи диссертатсия бо истифода аз усули муқоиса вазъ ва сатҳи робитаи хонандагонро бо нашрияҳои гуногун тавассути мактуб таҳлил намуда, доираи ҳудуд, оҳанги мурочиат, мақсади матлаб ва хусусиятҳои ичтимоиву демографии номанигоронро муайян намудааст. Таснифоти мактубҳои хонандагон аз нигоҳи муаллифӣ, оҳанги дархост, мақсади матлаб, шеваи пешниҳод ва амсоли ин, ки дар диссертатсия муфассалан арзёбӣ шудааст, ҳусни таҳқиқоти мавриди назарро меафзояд.

Мавзӯи баҳси фасли дуюми боби мазкурро мавқеи усули пурсиш дар таҳқиқи сотсиологӣ ва журналистӣ ташкил медҳад. Пурсиш аз усулҳои маъмули ба даст овардани ахбору маълумоти журналистӣ ва муайян намудани фикру назар ва мавқеи одамон нисбат ба воқеиёти гуногуни ичтимоӣ ба ҳисоб меравад. Муаллифи диссертатсия дуруст таъкид мекунад, ки: «Дар фаъолияти журналистӣ ва ҳамчунин дар таҳқиқотҳои сотсиологӣ пурсиш аз маъмултарин методи чамъоварии иттилоот ба ҳисоб меравад, зеро табиати ин усул имкон медиҳад, ки муносибати мардумро ба рӯйдод, воқеа, чараён, вазъият, ҳолат фаҳмем ва ба ин васила доир ба мавзӯоти мухталиф иттилоот ва маълумоти рангоранг ба даст орем».

Муаллиф ҳарчанд ба собиқаи корбасти ин усул дар матбуоти даврӣ сайри ичмолӣ намояд, манзураш матбуоти замони истиқлол будааст. Дар замони имрӯз аксари нашриҳои даврӣ аз ин усул истифода мекунанд, аммо таносубан нашрияҳои хусусӣ бартарӣ доранд. Аз ин рӯ, дар кор ба ин типи нашрияҳои даврӣ таваччуҳ бештар шуда, тавассути таҳлилу баррасиҳои муфассал хусусияти пурсишҳои сотсиологӣ, навъҳои онҳо, доираи пурсидашудагон, матолиби тавасути пурсишҳо ҳосилшуда, истифодаи чунин мавод дар нашрияҳо, роҳу тариқаи инъикоси онҳо, мавқеи нашрияҳои алоҳида дар корбасти ин усул ва амсоли ин нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Шаклҳои нави омӯзиши аудитория дар матбуоти муосир» низ аз ду фасл таркиб ёфтааст ва дар онҳо муаллиф усулҳои нав ва замонавии робита бо аудитория, алоқаи мустақим ва

таъсири мутақобила, ки бо шарофати рушди техника ва технологияи инноватсионӣ дар воситаҳои ахбори омма маъмул шудааст, таснифу таҳлил намудааст. Дар фасли аввали ин боб муаллиф роҳу усулҳои нави робита бо хонандагони матбуотро дар мисоли маводи нашрияи «СССР» мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Ӯ рубрикаҳои гуногуни ин нашрия амсоли «Редаксия супориш дод», «СССР» ва хонанда», «Ба мо менависанд», «Дар меҳмонхонаи муассис», «СССР» гӯш мекунад», «Меҳмонхонаи «СССР», «Номаҳои электронӣ» ва мисли инро муфассал аз нигоҳи мавзӯъ ва масъалагузорӣ таҳлил намуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқи онҳоро муайян мекунад ва ба ин васила шакли замонавии иртибот бо муштариён будани онҳоро собит месозад. Ин ва дигар рубрикаҳо, аз як тараф, аз робитаи қавии ин нашрия бо аудитория дарак диҳад, аз сӯйи дигар, ба минбари розу ниёз, мушкилоту муаммо ва пешниҳоду дархости хонандагон табдил ёфтани онро бозгӯ мекунад.

Аз мисолҳои мавриди таҳлили диссертант бармеояд, ки маводи ин рубрикаҳо гуногун мебошанд. Дар онҳо лаҳзаҳои зиндагии шахсӣ, проблемаҳои иҷтимоӣ, мушкилоти оилавӣ, муносибат ба нашрияҳои даврӣ инъикос шудааст.

Фасли дуюми ин бобро муаллиф ба таҳқиқи усулҳои замонавии робитаи мутақобила (интерактивнокӣ)-и расонаҳои хабарӣ бахшидааст. Дар ин бахш муаллиф дар заминаи адабиёти илмӣ омилҳои теникӣ ва технологии робитаи мутақобиларо арзёбӣ намуда, ташаккули чунин муносибатро дар журналистикаи интернетӣ нишон медиҳад. Дар таҳқиқи ӯ интерактивнокӣ ҳамчун воситаи амалигардонии фаъолияти иттилоотӣ ва усули таъсири дуҷониба баррасӣ шудааст. Дар ин фасл ҳамчунин сомонаҳои интернетии нашрияҳои даврии кишвар ва имконоти истифодаи усулҳои интерактивнокӣ дар онҳо ба таври муқоиса бо нишон додани афзалият ва камбудиҳо таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия, ки хеле мухтасар ва мушаххас навишта шудааст, муаллиф то кадом андоза муваффақ шудани худро ба иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар муқаддимаи кор пешгузоштааш ба таври ихчам

баён кардааст. Хулоса ба таври умум натиҷаҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Рӯйхати адабиёт ва манбаъ ифодагари он аст, ки муаллиф барои дар дараҷаи зарурӣ анҷом додани таҳқиқоташ аз осори назариявию таҳқиқоти олимони тоҷик ва рус ҳадафмандона истифода кардааст.

Албатта, дар дисертатсия баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳое низ ба назар расиданд, ки зикри баъзе аз онҳоро лозим медонам.

1. Ҳарчанд муаллиф дар муқаддима аз осори муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ ёд мекунад, аммо дар боби аввали рисола, ки ҷанбаи назариявӣ дорад, пажӯҳишҳои на ҳамаи олимони соҳа ба инобат гирифта шудааст.

2. Новобаста аз он ки ҳаҷми фаслҳои бобҳои дисертатсия таносубан ба ҳам баробаранд, аммо дар автореферат доир ба фасли аввали боби аввал маълумоти нисбатан кутоҳ дода шудааст.

3. Хуб аст, ки ки муаллиф фаслу бобҳоро мушахассан натиҷагирӣ мекунад, аммо баъзе нукоти хулосаҳо фасл дар боб ва боб дар хулосаи умумӣ такрор шудааст, ки чандон зебанда нест.

4. Дар фасли аввали боби сеюм, муаллиф барои нишон додани усулҳои замонавии омӯзиши аудитория танҳо ба нашрияи «СССР» иктифо намудааст. Агар барои муқоиса нашрияҳои дигарро низ интихоб менамуд, илмияти диссертатсия боз ҳам баланд мешуд.

5. Дар матни диссертатсия қисман оҳанги публитсистӣ ба назар мерасад.

Камбудиҳое, ки зикр кардем, ҷузъӣ буда, бе ҳеҷ ваҷҳ арзиши умумии илмии рисоларо намекоҳонад. Диссертатсияи Р. Муродоваро як кори таҳқиқотии мустақил ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷомёфта меҳисобам. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳое, ки муаллиф интишор намудааст, нуктаҳои асосӣ ва муҳтавои илмии таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин мешуморам, ки кори диссертатсионии Муродова Рухшона Муродовна «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» бо муҳиммият,

навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии худ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавогӯ бада, муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика аст.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои филология, профессор С. Хоҷазод

Нишонии муассиса: 734003
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: 992(+327)227 76 57

Нишонии саҳифаи расмӣ:
Saidmurod70@mail.ru
Тел.: (+992)93 855 5299

Имзои д.и.фил., профессор
Саидмурод Хоҷазодро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Д. Назаров

4 09 соли 2019